«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори ДМТ,
профессор Хушвахтзода Қ.Х.
____________________
«___»__________ 2023 с.

# ХУЛОСАИ

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**ба диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович таҳти унвони «Масъалаи инсон дар фалсафаи Абдураҳмони Ҷомӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа**

Диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров иҷро ва дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои фалсафа ва сиёсатшиносии донишгоҳи мазкур (31.05.2022, с/м. №10) муҳокима шудааст. Даври дуюми экспертизаро дар Шурои олимони МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров" (с/м. №5 аз 29.12.2023) гузашта барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 назди ДМТ пешниҳод шудааст.

Рисолаи номзадии Ҷӯраев М.Б. зери роҳбарии доктори илмҳои фалсафа, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази антропологияи АМИТ Муҳаммадалӣ Музаффар иҷро карда шудааст.

Кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафа диссертатсияи мазкурро мавриди муҳокима қарор дода хулосаи зеринро қабул намуд:

Диссертатсия ба яке аз мавзуҳои мубрами таърихи фалсафаи тоҷик бахшида шуда, дорои аҳамияти назариявию амалӣ мебошад. Муаллифи диссертатсия тавонистааст, ки бо далелҳои муътамади илмӣ муҳимияти

онро барои илм ва ҷомеаи муосир асоснок намояд. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки дар замони муосир, ки раванди ҷаҳонишавӣ бо суръати баланд рушд намудаву ҳама соҳаҳои ҳаёти инсониро фаро гирифтааст, таҳқиқи андешаҳои арзишманди мутафаккирони гузаштаи миллат, аз ҷумла Абдураҳмони Ҷомӣ саривақтӣ мебошад. Зеро "эҷодиёти Мавлоно Ҷомӣ басо пурвусъат ва пургунҷоиш буда, сабақи доимӣ бардоштан ва таҳқиқу таҳлили пайвастаро тақозо мекунад". Алалхусус, андешаҳои мутафаккир доир ба табиату моҳияти инсон, мақсаду мароми зиндагӣ, камолоти маънавию ахлоқӣ, талаби илму дониш, дурӣ аз ҷаҳолату хурофот ва таассуби динӣ барои тарбияи насли наврасу ҷавон дар руҳияи худшиносию худогоҳӣ ва ҳифзу нигоҳдошти арзишҳои маънавии умумиинсонӣ муҳиму зарурӣ мебошанд.

Дарҷаи омӯзиши мавзуъ тариқи методологияи дурусти илмӣ коркард гардида, арзиши таҳқиқотҳои анҷомшуда муайян ва тафовути кори таҳқиқотии пешниҳодшуда нишон дода шудааст. Аз маълумотҳои пешниҳоднамудаи диссертант бар меояд, ки масоили зиёде дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ ва мутафаккирони дигари асримиёнагии тоҷик ҳастанд, ки ҳанӯз ҳам таҳқиқталаб ва муҳим барои илм ва ҷомеаи муосир мебошанд.

Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро сарчашмаҳои боэътимод, осори худи мутафаккир, таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, файласуфон, антропологҳо ва ҷомеашиносон ташкил доданд, ки ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Дар раванди таҳқиқот диссертант аз методҳои таҳқиқии мантиқӣ, муқоисавӣ ва таърихӣ, ҳамзамон, методҳои таҳқиқии умумиилмӣ ва муқоисавии илмӣ ба таври васеъ истифода намуда, масъалаҳои гузошташударо таҳлил ва хулосаҳои илмӣ пешниҳод кардааст.

Бахши навоварии илмии таҳқиқот низ ҷавобгӯ ба талаботҳои илмӣ мебошад.

Таҳлили асосҳои назариявии масъалаи инсон дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ тариқи методологияи дурусти илмӣ матраҳ гардида,

бори нахуст дар адабиёти ба соҳаи таърихи фалсафа ва антропология бахшидашуда масъалаи инсон дар таълимоти Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, бори нахуст:

- инъикоси табиат ва моҳияти инсон дар осори Абдураҳмони Ҷомӣ нишон дода шуд;

- масъалаҳои ахлоқ дар таълимоти мутафаккир баррасӣ гардида, муайян карда шуд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ ба ахлоқ муносибати ақлгароёна дошта, онро натиҷаи заҳмати пайвастаи инсон медонад. Ба таври мухтасар, мутафаккир ҷонибдори назарияи иктисоби будани ахлоқ мебошад;

- андешаҳои мутафаккир доир ба назарияи "инсони комил" таҳлил гадида, ошкор карда шуд, ки Абдураҳмони Ҷомӣ камолоти маънавии инсонро имконпазир медонад;

- арзиши андешаҳои Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ барои тарбияи насли муосир дар самти шинохти моҳият ва табиати инсон, инчунин маънии зиндагӣ ва масъулиятҳои иҷтимоию инфиродии он муайян карда шуд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро ҳангоми ҳамаҷониба таҳқиқ ва баррасӣ намудани масъалаи инсон дар фалсафа, антропология, таълимотҳои ахлоқӣ ва инчунин бурдани корҳои тарбиявию ташфиқотӣ оид ба худшиносии фардию иҷтимоӣ ба таври васеъ метавон истифода намуд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқи мазкурро зимни таҳияи дастуру воситаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, монографияҳои илмӣ, инчунин таҳқиқи масъалаи мазкур истифода бурдан мумкин аст.

Мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект ва предмет, таҳлили сарчашмаҳо, коркард ва таҳлили масъалаҳои гузошташуда дар диссертатсия мувофиқи талаботҳои муайянгардида иҷро карда шудаанд. кори тадқиқоти иборат мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа пешниҳод гардидааст, аз рӯйи мазмуну мундариҷа ва муҳтавои худ бо ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пурра мувофиқат менамояд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд. Автореферат, мнорграфия ва мақолаҳои чопнамудаи муаллиф мазмуну муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунанд.

Диссертант вазифаҳои дар диссертатсия пешбинишударо ба пуррагӣ иҷро намуда, хулосаҳои асосноки илмӣ пешниҳод кардааст. Аз ҳамин хотир, таҳқиқоти анҷомдодаи ӯро метавон кори мустақилонаю баанҷомрасида донист.

Номи мавзуъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мувофиқ буда, бо "Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандии зич дорад.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ҷӯраев Манучеҳр Бобоқулович дар мавзуи «Масъалаи инсон дар таълимоти Абдураҳмони Ҷомӣ», ки ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа пешниҳод шудааст, мувофиқ ба талаботҳои муайянгардида ба диссертатсияҳои номзадӣ буда, барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 21 июни соли 2023 қабул карда шудааст.

Дар маҷлис15 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаиовоздиҳӣ: «тарафдор» 15 –нафар; «муқобил» –нест; «бетараф» –нест. Суратмаҷлиси №11/1 аз 21 июни соли 2023.

**Мудири кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент** **Амирхон Ш.Т.**

**Котиби ҷаласа, дотсенти кафедра** **Давлатов П.Н.**

**Имзои Ш.Т. Амирхон ва П.Н. Давлатовро тасдиқ менамоям:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Э.Тавкиев**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН TAJIK NATIONAL UNIVERSITY УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ